**«Тасдиқ мекунам»**
**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**профессор Хушвактзода К.Х.**

______________________________

**«5» 04 2022**

# ХУЛОСА
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсия дар мавзуи «Мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Дар давраи омода намудани диссертатсия муаллиф Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт. Номбурда соли 2001 ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил гардида, 2005 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм намудааст. Мавзӯи диссертатсияи унвонҷӯ аз ҷониби Шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 28-уми апрели соли 2017 суратмаҷлиси №8 (16-17) тасдиқ шудааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ санаи 4-уми августи соли 2020 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмӣ – Диноршоҳ Азиз Мусо, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини аввал, муовини директори иҷроия оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе.

**Аз рӯи муҳокима хулосаи зерин қабул шудааст.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои мубрами ҳуқуқи конститутсионӣ бахшида шудааст. Мақомоти прокуратура яке аз сохторҳои муҳим барои давлатҳои муосир, махсусан кишварҳое, ки худро ҳуқуқбунёд эълон кардаанд, ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, омӯзиши ҳамаҷонибаи мавқеи он дар низоми таҷзияи ҳокимият масъалаи мубрам ба ҳисоб меравад. Мақомоти прокуратура аз ҷумлаи сохторҳоест, ки барои амалисозии принсипи боздорӣ ва мувозинат миёни шохаҳои ҳокимияти давлатӣ нақши муҳимро иҷро мекунад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, ки ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад (моддаи 9). Ин меъёри Конститутсия самтҳои нави илмиро дар илми ҳуқуқи конститутсионии тоҷик асос гузошт, ки яке аз онҳо масъалаи муайян намудани мақоми прокуратура дар низоми мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Новобаста аз таҳқиқотҳои зиёд дар ин самт то ҳол мақоми ин ниҳод дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ муайян нест. Муайян намудани мавқеи мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо аз лиҳози таърихӣ ва мурофиавӣ, балки аз лиҳози ҳуқуқи конститутсионӣ низ масъалаи муҳим буда, вазъи ҳуқуқии мақомоти прокуратура аз нигоҳи илм ва соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ таҳқиқоти ҷиддиро металабад.

Бо дарназардошти маводи илмӣ, таҳлили фаъолияти мақомоти прокуратура, таҷрибаи судӣ ва ғайра аз ҷониби муаллиф кӯшиш карда шуд, ки дар доираи таҳқиқоти анҷомпазируфта мафҳум, таърихи инкишоф, мавқеи мақомоти прокуратура дар миёни шохаҳои ҳокимияти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода шавад. Ҳамзамон дар рисола унвонҷӯ ҷойи мақомоти прокуратура дар миёни мақомоти давлатиро баррасӣ ва таҳлил намудааст.

Ба андешаи рисоланавис таҳлили муфассал ва вазъи воқеии мақомоти прокуратура дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, ки дар заминаи принсипи "боздорӣ ва мувозинат" фаъолият менамоянд,

заруріяти муайян намудани ҷойгоҳи мақомоти прокуратураро дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба вуҷуд оварда, аҳамияти назорати прокурорӣ барои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, манфиатҳои давлату ҷомеа ва дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар намудани мавқеи мақомоти прокуратураро пешбинӣ менамояд.

Мақсади таҳқиқоти мазкур гузаронидани таҳлили конститусионӣ-ҳуқуқӣ ҷиҳати муайян намудани нақш ва мавқеи мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ; функсияи назорати прокурорӣ; аз лиҳози назариявӣ баррасӣ намудани моҳият ва аҳамияти муносибати мутақобилаи мақомоти прокуратура бо мақомоти қонунгузорӣ, ҳокимияти иҷроия ва ҳокимияти судӣ тавассути ҳамкории созандаву мушаххас, ки қонунгузорӣ ба онҳо вогузор намудааст, иборат мебошад.

Аз ҷониби муаллиф дар рафти баррасии мавзӯи мазкур як қатор андешаҳои судманд бобати ворид намудани тағйирот оид ба мавқеи ҳуқуқии мақомоти прокуратура, ҳамкории прокуратура бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дар сатҳи зарурӣ ва самарабахш амалӣ намудани фаъолияти мақомоти прокуратура пешниҳод шудааст.

Бо дарназардошти мақсадҳои номбурда, вазифаҳои зерин муқаррар карда шудаанд:

- гузаронидани таҳқиқот оид ба таҳаввулоти мақомоти прокуратура ва назорати прокурорӣ дар таърихи давлатдории Тоҷикистон;

- муайян намудани нақш ва мавқеи мақомоти прокуратура дар низоми механизми тақсимоти ҳокимият ва низоми “боздорӣ ва мувозинат” тавассути муқоиса намудани фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ;

- таҳлил намудани функсияҳои прокуратура ҳамчун институти давлатӣ-ҳуқуқӣ ва нишон додани самти назорати прокурорӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ;

- таҳқиқ намудани қонуният ва тамоюли ташаккули ҳолати ҳуқуқии мақомоти прокуратура, инчунин муайян намудани роҳҳои самарабахши

тарзи ташкилӣ ва дигар муносибатҳои прокуратура бо мақомоти давлатӣ ҳангоми амалӣ намудани назорати прокурорӣ, мутобиқати фаъолияти он дар самти мубориза бо ҷинояткорӣ ва ҳуқуқвайронкунӣ;

- пешниҳод намудани таклифҳо ҷиҳати такмил додани сохтори мақомоти прокуратура ва нақши он дар низоми мақомоти конститутсионии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Асосҳои методологии таҳқиқотро усулҳои умумиилмӣ (диалектикӣ, моддӣ, низомнок, сотсиологӣ, функсионалӣ, ҳуқуқӣ), умумимантиқӣ (аз абстрактӣ ба мушаххас ва аз умумӣ ба хусусӣ) ва илмӣ-хусусӣ (масалан, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва ғ.) ва дигар усулҳо истифода шудаанд. Истифодаи усулҳои мазкур дар алоқамандӣ бо дастовардҳои охири фалсафӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ имконияти анҷом додани асосҳои ҳуқуқии фаъолияти прокуратураро ба миён оварда, масъалаҳои функсионалӣ, фаъолияти назоратии прокуратура ва механизми мутақобилаи ӯро бо дигар мақомоти давлатӣ (аз ҷумла, суд) дар сатҳи қонуни конститутсионӣ муайян ва баррасӣ намуданд.

Хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ дар доираи таҳқиқоти мазкур фарогири масъалаҳои мубрами замони муосир мебошанд, ки дар корҳои муаллифони ватанӣ ва хориҷии назарияи давлат ва ҳуқуқ, назорати прокурорӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ, мурофиаи ҷиноятӣ ва граждани ба вуҷуд омадаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки бори нахуст кӯшиши муайян намудани ҷанбаҳои ҳуқуқии фаъолияти мақомоти прокуратура дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, ҳамкории мутақобилаи он бо дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, инчунин тамоюлҳои асосӣ, қонуният ва ихтилофҳои ҷойдошта дар самти ташкил ва фаъолияти мақомоти прокуратура аз нигоҳи илми ҳуқуқи конститусионӣ мавриди баррасии амиқ қарор дода шуд. Пас аз анҷоми таҳқиқоти назариявӣ дар самти ташкил ва фаъолияти прокуратураи кишвар, инчунин дар заминаи фаъолияти имрӯзаи он як қатор хулоса ва пешниҳодҳо бо мақсади устувор намудани мавқеъ ва нақши прокуратура

дар низоми мақомоти конститутсионӣ ҷиҳати дар амал татбиқ намудани волоияти қонун, ягонагӣ ва мустаҳкамии қонуният, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин ҳимояи манфиатҳои қонунии давлат ва ҷомеа иброз гардидаанд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқотро муқаррароти умуминазариявӣ доир ба ҷойгоҳ ва нақши мақомоти прокуратура дар дастгоҳи идоракунии давлатӣ, аз ҷумла дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ташкил дода, тамоюли рушди ҷомеаи демократиро дар замони муосир муайян менамояд. Истифодаи онҳо ба муаллиф имконият фароҳам оварданд, ки як қатор пешниҳодҳоро ҷиҳати баланд бардоштани мавқеи мақомоти прокуратура, ворид намудани тағйирот ба мавқеи конститутсионии он ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунандаи кишвар дар соҳаи таҳлилшуда баён намояд. Консепсияи пешниҳодшуда ҷиҳати танзими қонунии мавқеъ ва функсияи прокуратура, як қатор мушкилотҳои илмиро бартараф намуда, барои ба таври судманд амалӣ намудани фаъолияти механизмҳои давлатӣ нақши босазоро иҷро менамояд. Таҳқиқоти анҷомдодашуда дар самти ҳамкории мақомоти прокуратура бо дигар мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ барои ташаккули ҳуқуқи конститутсионӣ, назорати прокурорӣ, назарияи давлат ва ҳуқуқ, мурофиаи ҷиноятӣ, гражданӣ, иқтисодӣ ва ташкили мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нақши боризро иҷро намуда, метавонад барои таҳқиқотҳои минбаъда хизмат намояд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар он баҳсҳои ҷойдошта оид ба мавқеъ ва нақши мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо пешниҳод намудани усулҳои нав дар сохтори ташкилии прокуратура, ба таври амиқ муайян намудани функсия ва самтҳои фаъолияти он роҳи ҳалли худро пайдо намуда, барои самаранок анҷом додани назорати прокурорӣ, инчунин таъмин намудани сатҳи олии қонуният нақши муҳимро иҷро хоҳад намуд. Махсусан, дар он сухан оид ба мақомоти бисёрҷанбаи конститутсионӣ

меравад, ки аз номи давлат функсияи назоратиро ҷиҳати иҷроиши меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳо ба роҳ мемонад. Бо дарназардошти натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур зарур аст, ки як қатор тадбирҳои судманд ҷиҳати беҳтар намудани сохтори дохилии мақомоти прокуратура, ташкил ва татбиқи назорати прокурорӣ андешида шаванд.

Қайд намудан ба маврид аст, ки аҳамияти амалии таҳқиқот бо имконияти истифода бурдани асосҳои назариявӣ, хулоса ва тавсияҳо ҳангоми такмили қонунгузорӣ маҳдуд нагардида, балки он метавонад дар фаъолияти прокурорҳо, судҳо, мақомоти таҳқиқ, ҳангоми фаъолияти омӯзгорӣ дар муассисаҳои таълимии ихтисоси "ҳуқуқшиносӣ", инчунин дар низоми такмили ихтисос ва рушди касбии судяҳо, прокурорҳо ва дигар кормандони мақомоти давлатӣ ва муассисаҳо, ки дар соҳаи ҳуқуқ кору фаъолият менамоянд, таъсири мусбати худро гузорад.

Диссертатсия ба ихтисоси 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мувофиқат мекунад.

Хулоса ва пешниҳодҳои диссертатсия асоснок ва бо далелҳои муътамад ва умумиэътирофшудаи илми ҳуқуқшиносӣ исбот шудаанд, бо воқеиятҳои таърихӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳо устувор гардидаанд. Онҳо дорои арзиши илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар интишороти асосии муаллиф – дар 12 мақола, аз ҷумла 4 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тавсияшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд, аз ҷумла:

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

**1.** Исмоилзода С.А. «Участие органов прокуратуры Республики Таджикистан в правотворческой деятельности» [Текст] / С.А. Исмоилзода, Б.А. Сафарзода // Правовая жизнь. – 2018. – № 4 (24). – С.

152-160.

**2.** Исмоилзода С.А. «Мақоми прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Матн] / С.А. Исмоилзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Қисми II. – 2019. – № 5. – С. 226-233.

**3.** Исмоилзода С.А. «Конституционно-правовые основы взаимодействия Маджлиси Оли Республики Таджикистан и органов прокуратуры» [Текст] / С.А. Исмоилзода // Правовая жизнь. – 2019. – № 2 (26). – С. 101-116.

**4.** Исмоилзода С.А. «Хусусиятҳои хоси мақомоти прокуратура ҳамчун мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Матн] / С.А. Исмоилзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2019. – № 3 (27). – С. 90-98.

**Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:**

**5.** Исмоилзода С.А. Место прокуратуры в системе разделения властей в Республике Таджикистан [Текст] / С.А. Исмоилзода // Государствоведение и права человека. – 2017. – № 4 (08). – С. 134 -144.

**6.** Исмоилзода С.А. Взаимодействие органов прокуратуры и Конституционного суда Республики Таджикистан [Текст] / С.А. Исмоилзода // Маводҳои VI конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Масъалаҳои мубрами ҳуқуқшиносӣ». – Душанбе, 2019. – С. 359-363.

**7.** Исмоилзода С.А. Характеристика прокуратуры как органа государственной власти [Текст] / С.А. Исмоилзода // Государствоведение и права человека. – 2018. – № 3 (11). – С. 139-145.

**8.** Исмоилзода С.А. Взаимодействие органов прокуратуры и суда в рамках гражданского судопроизводства [Текст] / С.А. Исмоилзода // Публичная власть: реальность и перспективы: сб. науч. тр. по материалам V Ежегодных Саратовских административно-правовых чтений (Междунар. научно-практ. конф.) (Саратов, 20-21 сентября 2019 г.); сост.: А.Ю. Соколов, Ю.В. Соболева; ФГБОУ ВО «Саратовская

государственная юридическая академия». – Саратов: ИП Коваль Ю.В., 2019. – С. 180-183.

**9.** Исмоилзода С.А. Ташаккул ва инкишофи прокуратура дар Тоҷикистон [Матн] / С.А. Исмоилзода, Б.А. Сафарзода. // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2019. – № 3 (15). – С. 22-48.

**10.** Исмоилзода С.А. Роль Президента Республики Таджикистан в организации деятельности органов прокуратуры в Таджикистане [Текст] / С.А. Исмоилзода// Материалы Республиканской научно-практической конференции «30 лет независимости: этапы пройденного пути, реалии и перспективы». (12 ноября 2021 года). – 2021. – С.11-15.

**11.** Исмоилзода С.А. «Инкишофи мақомоти прокуратура дар Тоҷикистон дар даврони истиқлолият» [Матн] / С.А. Исмоилзода, А.М. Диноршоев. // Материалы X Международной научно-практической конференции «Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития». (28 октября 2022 года) –Душанбе, 2022 – С. 180-184

**12.** Исмоилзода С.А. «Мавқеи прокуратура дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Матн] / С.А. Исмоилзода, А.М. Диноршоев. // Материалы Республиканской научно-практической конференции «Конституция – как фактор стабильности государства» (05 ноября 2022 года). – Душанбе, 2022. – С. 150–163

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз дар мавзуи «Мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмӣ-соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад.

2. Диссертатсияи Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз дар мавзуи «Мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба экспертизаи даври

дуюми муассиса барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 17 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 17 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, суратмаҷлиси № 8 аз 2-юми апрели соли 2022.

**Раиси ҷаласа:** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
муаллими калон, иҷрокунандаи
вазифаи мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионии
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Қодиров Ҷ.Ш.

**Котиби ҷаласа:** Неъматова М.А.

Имзои Қодиров Ҷ.Ш. ва Неъматова М.А-ро
тасдиқ мекунам:
**Сардори РК ва КМ ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**
«05» 04 **2022**